# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.KOA–029 оид ба диссертатсияи Амирбекова Иқлима Ҷаборовна дар мавзӯи «Таълимоти машшоияи шарқӣ дар бораи зан» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа

Комиссияи экспертии шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин тасдиқ шудааст:

- доктори илмҳои фалсафа, профессор Зиёев И.Ғ. (09.00.03 - таърихи фалсафа), раиси комиссия;

- доктори илмҳои фалсафа, Комилов Р.С. (09.00.03 - таърихи фалсафа), узв;

- доктори илмҳои фалсафа, Диноршоева З.М. (09.00.03 - таърихи фалсафа), узв пешниҳод шудааст, мавриди ташхис қарор дода, муайян намуд, ки:

1. Диссертатсияи Амирбекова Иқлима Ҷаборовна дар мавзӯи «Таълимоти машшоияи шарқӣ дар бораи зан» ба омӯзиши мақоми иҷтимоии зан дар таълимоти машоия бахшида шудааст. Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки ҳарчанд зан дар ҳар давру замон ва дар ҳар кишвари ҷаҳон корҳои мушкилтарин ва барои ҳаёти ҷомеа муҳимтаринро иҷро мекард, аммо дар тамоми тӯли таърихи гузаштаи башарият ҷойгоҳ ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ нисбат ба мард хеле тангу маҳдуд буд. Танҳо дар замони муосир дар партави инқилобҳои фарҳангӣ ва густариши ғояи озодӣ ва баробарҳуқуқии инсон новобаста аз мансубияти ҷинсӣ, динӣ, миллӣ ва нажодӣ, ҳаракати феминистӣ сурат гирифт ва зан барои тарвиҷу таҳкими мақому нақшҳо ва ҳуқуқу озодиҳои фардию иҷтимоии худ, балки расман ва воқеан тасдиқу татбиқ шудани баробарҳуқуқии худ бо мард садо баланд кард ва ба мубориза бархост. Дар пайомади ин равандҳо дар тамоми кишварҳо ва ҷомеаҳои миллии ҷаҳон дар нигариш ба зан, ба ин қишри иҷтимоӣ дигаргуниҳои куллӣ ва назаррас ба вуҷуд омадаанд. Аз ин рӯ, таҳлили муқоисавии дидгоҳҳои анъанавию муосир дар бораи нақш ва мақоми иҷтимоии зан барои шинохти амиқи мазмун ва моҳияти ин дидгоҳҳо, ҳамоҳангӣ ё таззоди байни онҳо ва нақши онҳо дар сарнавишти имрӯзаву ояндаи занон хеле мубраму муҳим мебошад.

Дар фалсафа ва умуман, афкори ҷамъиятии аҳди бостон ва асримиёнагии тоҷик, мисли ҳамаи мафкураҳои дигари бостониву асримиёнагии фалсафӣ, як навъ тасаввуротҳои, мардмарказӣ (андросентрӣ) ва занситез доир ба мақом ва нақши зан ҳукмрон буданд,

ки тибқи онҳо мард нисбат ба зан аз лиҳози ақлу шуур, қувва ва қобилиятҳои ақлию маърифатӣ бартарӣ доранд, аз ин рӯ бояд занҳо зери фармону назорати мард бошанд. Ҳамин гуна тасаввуротҳо ҳамчун усулҳои бунёдӣ асоси назарияҳои гендерии аксарияти намояндагони мактаби фалсафии машшоияи шарқӣ ва умуман фалсафаи асримиёнагии тоҷикро ташкил додаанд. Анъанаи фалсафаи асримиёнагии тоҷик ҳеҷ гоҳ натавонистааст аз дуализм ва таззоди миёни эҳсосоти занона ва ақлонияти мардона – ду мабодии мустазоди маърифатӣ озод шавад. Ин дуализмро паси сар накардани фалсафаи асримиёнагии тоҷик, минбаъд, дар пайдоиши фаҳмишҳо ва низомҳаи фарҳангиву фалсафии тарғибкунандаи нобаробарии мард ва зан таъсири шадиде расонидааст. Тибқи назарияе, ки дар матни фалсафаи асримёнагии тоҷик тарҳрезӣ шудааст, тафовути табиӣ миёни мард ва зан ба таври мустақим тамоми тафовутҳои дигари миёни онҳо – вуҷудӣ, ахлоқӣ, маънавӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ғайраро муайян мекунад.

Дар диссертатсия нисбати масъалаҳои мавриди таҳқиқ сарчашмаҳои зиёди илмӣ истифода шуда, онҳо аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ дар асоси усули муқоисавӣ вобаста ба шароити муосир таҳлил шудаанд.

Дар диссертатсия ба таври мушаххас навгониҳои зерин ба ҳимоя пешниҳод шудааст:

- собит карда шуд, ки ҳам дидгоҳҳои мусбат, ҳам дидгоҳҳои манфӣ ва ҳам таълимотҳои мардсолоронаву занситезона хоси танҳо мафкураи ҷамъиятии миллатҳо ва кишварҳои исломӣ ё зодаи таълимоти ислом нест, балки як падидаи умумифарҳангие мебошад, ки решаҳои хеле қадимаи фарҳангӣ дошта, дар мафкураи ҷамъиятии ҳамаи халқу миллатҳо ва дину ойинҳои башарӣ дар даврони қадим ва асрҳои миёна ҳукмфармо будааст.

- бори аввал аз тариқи таҳлили мухтасари муқоисавии таълимоти динҳо ва андешаҳои намояндагони мактабҳои гуногуни динӣ-фалсафӣ оид ба зан, кӯшиш карда шудааст, ки омилҳои аслӣ ва воқеии маҳдудкунандаи мақом ва нақши иҷтимоии занон дар даврони бостон ва асримиёнагӣ ба таври дақиқ ва асоснок нишон дода шаванд.

- муайян карда шуд, ки таълимоти дини ислом ба таълимоти мутафаккирони машшоияи шарқӣ оид ба мақоми иҷтимоии зан таъсир расонидааст. Ин таъсир зимни баррасии ҳамаҷонибаи намояндагони ин мактаб ошкор гардид.

- муайян карда шуд, ки намояндагони машҳури мактаби машшоияи шарқӣ Форобӣ, Ибни Сино ва Насриддини Тусӣ дар рисолаҳои ахлоқӣ ва умуман ҳикмати амалии худ ба равобити миёни зану мард ва фарзандон таваҷҷӯҳ намуда, андеша ва нуктаи назари худро оид ба

ҷомеа ва хонаводаи намунавӣ хеле равшан баён кардаанд. Аз мазмуни андешаҳои онҳо дар бораи ҷомеа ва хонаводаи намунавӣ маълум мегардад, ки таълимоти ахлоқӣ ва умуман, ҳикмати амалии онҳо қисман аз таълимоти исломӣ ва қисман аз таълимоти Арасту маншаъ гирифтаанд.

- ошкор карда шуд, ки ҳамаи мактабҳои фалсафаи асримиёнагии тоҷик, новобаста аз гуногунии усулҳо ва равишҳои таҳқиқӣ, моҷароҳо ва ихтилофҳои ғоявии худ, дидгоҳҳои ҳам мусбат ва ҳам манфӣ нисбат ба занро, ки мисли як анъанаи фарҳангӣ дар сарчашмаҳои ғоявии ҳар кадоми ин мактабҳо вуҷуд доштанд, ба таври фаҳмиши худ инъикос намуда, шарҳу тавзеҳ додаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳо ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи кори диссертатсиониро метавон барои иҷрои таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи таърихи фалсафа, ҷомеашиносӣ ва ахлоқ, барои таҳия кардани маҷмӯаи таълим-метод, тавсияи илмӣ-методӣ ва курси махсуси лексияҳо оиди фалсафаи асримиёнагии тоҷику форс ва Ғарб мавриди истифода қарор дод. Ҳамзамон маводи таҳқиқшуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои бадастомада барои хондани курсҳои махсус аз соҳаи таърихи фалсафа, ки марбут ба масъалаҳои фалсафаи асрмиёнагии тоҷику форс аст дорои аҳамиятанд.

Бо матни диссертатсияи Амирбекова Иқлима Ҷаборовна дар мавзӯи **«Таълимоти машшоияи шарқӣ дар бораи зан»** шинос шуда, натиҷабарорӣ кардан мумкин аст, ки диссертант, на танҳо фалсафаи бостон ва асримиёнагии тоҷику форсро таҳлил намудааст, балки онро, хусусан таълимоти намояндагони машҳури машшоияи шарқ[illegible], монанди Форобӣ, Ибни Сино ва Насриддини Тусиро оид ба мақоми зан бо таълимоти мутафаккирони Юнони қадим муқоиса намудааст, ки барои дарку шинохти масъалаи мазкур дар замони муосир муҳиму зарурӣ мебошанд. Дар натиҷа ҳайати комиссия ба чунин хулоса омад, ки рисолаи диссертатсионии таҳқиқшуда ба талаботи илмии таҳқиқотии фалсафа ҷавобгӯ буда, моҳияти масъалаи мақоми зан дар таълимоти машшоияро дуруст инъикос менамояд. Сарчашмаҳои илмии истифодашуда, таҳлили воқеии таърихӣ ва муқоисавии афкори динӣ-фалсафии дину мактабҳои фалсафии давраи Бостон ва асрҳои миёна ва арзиши илмии тҳқиқоти ӯ барои фалсафаи тоҷик ба ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мувофиқат мекунад;

2. Автореферат бо муҳтавои матни диссертатсия мувофиқат дорад;

3. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсия, хулоса ва тавсияҳои Амирбекова Иқлима Ҷаборовна дар 3 мақолаи илмии ӯ, ки дар

маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, дарҷ шудааст;

4. Дар рисола натиҷаи таҳқиқоти илмӣ ва нишондиҳандаҳои амалӣ истифода шудааст;

5. Пешниҳод карда мешавад, ки доир ба диссертатсияи Амирбекова Иқлима Ҷаборовна ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ таъйин карда шавад;

6. Пешниҳод карда мешавад, ки ба ҳайси муқарризони расмӣ ба диссертатсияи Амирбекова Иқлима Ҷаборовна мутахассисони зерин таъйин карда шаванд:

- Маҳмадҷонова Муҳиба Талатҷоновна – доктори илмҳои фалсафа, профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ;

- Сулаймонов Баҳманёр Сайдиҳсонович – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода.

7. Барои ворид намудани автореферати диссертатсия ва эълони ҳимоя дар сомонаи ДМТ ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

8. Барои чоп намудани автореферати диссертатсия иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор /_____________/ Зиёев И.Ғ.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои фалсафа,
профессор /_____________/ Комилов Р.С.

доктори илмҳои фалсафа,
профессор /_____________/ Диноршоева З.М.